*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА 012*
*дар назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон*
*(Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734061, ш.Душанбе,*
*кӯчаи Деҳотӣ, ½)*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Давлатов Насимҷон Сайдаҳтамович дар мавзуи «Ташаккул ва рушди фазои мусоиди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) пешниҳод шудааст**

Дар шароити муосири рушди иқтисодиёти миллӣ ва афзоиши нақши фаъолияти соҳибкорӣ дар таъмини аҳолӣ ба ҷойҳои кории доимӣ ва бо молу маҳсулоти дохилӣ таъмин намудани он яке аз нишондиҳандаҳои асосии рушди иқтисодиву иҷтимоии мамлакат ба ҳисоб меравад. Масъалаи таъмини ҷойҳои кории доимӣ ба аҳолӣ яке аз самтҳои муҳимми сиёсати иҷтимоӣ ва иқтисодии давлат ба ҳисоб меравад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи татбиқи «Консепсияи рушдӣ иқтисоди миллӣ» ва «Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамикунонӣ барои солҳои 2021-2025» аз соли 2021, №460 заминаи заруриро барои воридсозии технологияҳои муосир ва бахшҳои муайяни истеҳсоливу хизматрасонӣ дар рушди иқтисоди мамлакат фароҳам овардааст ва ба рушди фазои мусоиди соҳибкорӣ мусоидат менамояд, ки ин аз мубрамии диссертатсияи Давлатов Н.С. гувоҳӣ медиҳад.

Муаллиф дар автореферати худ дуруст таъкид намудааст, ки рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар иқтисодиёти мамлакат бо дар назардошти истифода ва коркарди маҳсулотҳои ватанӣ натанҳо ба корхонаҳои саноатиро бо технологияҳои муосири истеҳсолӣ таъмин менамояд ва баланд бардоштани сифати молу маҳсулоти истҳсолшавандаи миллиро дар мамлакат мусоидат менамояд, балки ба баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии иқтисоди миллӣ мусоидат менамояд.

Дар ин замина, мавқеи бахши соҳаҳои истеҳсолӣ ва дастгири намудани соҳибкорони дохилӣ дар татбиқи ҳадафҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 нақши муҳим дорад.

Мавқеи муҳими дигар ин аст, ки тамоми нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодгардида аз навоварӣ, таҳлили амиқ ва асоснокии илмӣ

бархурдоранд. Муаллиф мавзуи таҳқиқотро амиқ дарк намуда, маҳорати баланди таҳқиқотиро нишон додааст.

Дар асоси таҳлили омилҳои дохиливу беруна, модели такмилёфтаи танзими давлатии рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва соҳаҳои афзалиятноки рушди фазои мусоид соҳибкориро пешниҳод намудааст.

Бо вуҷуди арзиши назариявию амалӣ ва аҳаммияти баланди илмии натиҷаҳои бадастомада, зарурати такмил додани баъзе паҳлӯҳои таҳқиқот эҳсос мегардад. Аз ҷумла:

1.Ба ақидаи муаллиф, низоми андозбандӣ ва меъёрҳои нисбатан пасти андозбандӣ дар кишварҳои ҳамҷавор ва торафт зиёдшавии фишори рақобати минтақавӣ оид ба ҷалби сармоя водор мекунад, ки дар ин самт тадбирҳои иловагии ҳавасмандсозанда андешида шаванд, аммо чӣ гуна нишон дода нашудааст;

2. Дар автореферат қайд шудааст, ки институтҳои танзимкунанда ва назоратӣ, сохторҳои ваколатдори масъул дар ин самт чораҳои фаврӣ меандешанд, то шароиту имкониятҳоро беҳтар намуда, қоидаҳои сода ва осон барои фаъолияти соҳибкорӣ таъмин карда шавад. Фикри муаллиф пурра асоснок карда нашудааст.

Ин нуктаҳо моҳияти илмӣ ва арзиши амалии автореферати диссертатсияро коста намесозанд, балки ҳамчун самтҳои эҳтимолии ғанисозӣ ва такмили минбаъда арзёбӣ мешаванд.

Дар маҷмуъ, маводҳои илмии нашршуда ва автореферати пешниҳод гардида шаҳодат медиҳанд, ки мавзуи таҳқиқот хуб асоснок шуда, диссертатсияро кори инфиродии ба итмомрасида шуморидан мумкин аст. Ҳамаи меъёрҳои зарурӣ риоя гардида, диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он Давлатов Насимҷон Сайдаҳтамович сазовори ба даст овардани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
номзади илмҳои иқтисодӣ,
дотсенти кафедраи идоракунии
давлатӣ ва маҳалии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Аҳмадов Р.Р.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, маҳаллаи Буни Ҳисорак.
Телефон: (+992) 919 20 20 66
E-mail: arr0609.ru@bk.ru

Имзои Р.Р. Аҳмадовро тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси Донишгоҳи
миллии Тоҷикистон Шодихонзода Э.Ш.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе,
Сомонаи расмӣ: www. tnu.tj
E-mail: tgnu@mail.tj;
Телефон: (992-37) 2217711, факс: (99237) 221-77-11,

«_17_»__02__ соли 2026